ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки ба Шурои диссертатсионии ,6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз руйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниход шудааст.** Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Бояд қайд кард, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD)-ии Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалӣ ва назарияи давлат ва ҳуқуқ бахшида шудааст.

Ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун низоми мустақили ҳуқуқӣ дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа воситаи универсалии ба сатҳи ҷаҳонӣ расонидани низоми танзими ҳуқуқӣ дар давлат буда, таъсири он ба низомҳои ҳуқуқии давлат равшан аст. Дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ низоми ҳуқуқии давлатҳо ба тағйироти амиқ дучор шуданд. Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки давлатҳои мутамаддин ба ҳайси аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ баромад намуда, дар қонунҳои асосии худ ба ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории дохилидавлатӣ афзалият медиҳанд, аз ин лиҳоз таъсири ҳуқуқи

байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзуҳои махсуси омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст.

Дар таҳқиқоти илмии замони муосир ба таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқӣ диққати дахлдор дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти гузаронидаи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар маҳз бо мақсади ҳалли проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт ва пурра намудани он норасоиҳо бахшида шудааст. Ин бори дигар собит менамояд, ки мавзуи интихобшуда ва зарурати таҳлили комплексии таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нави геосиёсии ҷаҳониро нишон медиҳанд, ки аз масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертант вазифаҳои таҳқиқотро, ки сохтори диссертатсияро муайян менамоянд, возеҳу равшан тартиб додааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб иборат аст. Ҳар як зербоб ғояҳои асосӣ ва ҷамъбасти мантиқии худро доро мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи илмии он дар адабиёти илмӣ тавсиф, алоқамандии таҳқиқот бо дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян шуда, объект, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи тарихии таҳқиқот), асосҳои назариявӣ, методологӣ, сарчашмаи маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷ гардидаанд.

Ҳамзамон, дар ин қисмат аз ҷониби муаллиф аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ дарҷ гардида, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудааст. Инчунин интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд (С. 4-18).

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои умуминазариявии таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ»** ном дошта, дар доираи он ба омӯзиши асосҳои умумии назариявии консепсияҳои мавҷудаи таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, таъсири мутақобилаи сарчашмаҳо, субъектҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, инчунин таносуб байни онҳо, умумият ва хусусияти онҳо бахшида шуда, аз чор зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби якум – **«Консепсияи таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ»** номгузорӣ шуда, дар он назарияҳои мавҷуда оид ба таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ баррасӣ гардида, консепсияҳои муосири илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба ин самт мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода мешаванд.

Дар диссертатсия ду консепсияи асосии мавҷудаи таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии давлатҳо, яъне консепсияҳои дуалистӣ ва монистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Қайд мегардад, ки равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои омехта (яъне, ҳам монизм ва ҳам дуализм) бояд сохта шаванд. Дар он бо назардошти эътирофи меъёрҳои байналмилалӣ, инчунин бояд манфиатҳои соҳибихтиёрӣ, давлатӣ ва миллӣ ба инобат гирифта шаванд, чунки, дар ҳолатҳои зерини конститутсионӣ инъикоси худро ёфтаанд: Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд муносибатҳои хешро дар асоси сиёсати сулҳҷуёна дар амал татбиқ менамояд ва соҳибихтиёрию истиқлолияти дигар давлатҳоро эътироф менамояд, инчунин ҳангоми ба амал баровардани муносибатҳои хориҷӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ такя намуда, вобаста ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои муфидро ба роҳ мемонад, ки ин ақида ҷолиби дастгирист.

Ин имкон медиҳад, ки мавқеи шахсии муаллиф оид ба консепсияҳои болозикр аниқ карда шавад (С. 33).

Дар зербоби дуюми боби якум – **«Таъсири мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ: умумият ва хусусият»** аз ҷониби диссертант таҳлили назариявии таъсири сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ташаккули сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ гузаронида мешавад.

Диссертант қайд менамояд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар соҳа ва фазои худ амал мекунанд ва онҳо қувваи олии ҳуқуқӣ доранд. Албатта, ҳолатҳое мешаванд, ки онҳо ба соҳа ва фазои умумӣ таъсир доранд. Аммо эълон намудани санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи конститутсионӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ баромад кунанд, ки ин ақида ҷолиби дастгирӣ мебошад (С. 52).

Дар зербоби сеюми боби якум – **«Таъсири мутақобилаи субъектҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ: таносуб ва фарқият»** муаллиф қайд менамояд, ки низоми субъектҳо ва намудҳои он дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки мафҳуми субъекти ҳуқуқ, ки назарияи ҳуқуқ пешниҳод намудааст, хусусияти универсалӣ дошта, он дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳам ба низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳам ба ҳӯқуқи байналмилалӣ татбиқ карда мешавад.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар муносибатҳои дохилидавлатӣ, давлат ҳамчун субъекти асосӣ зуҳур намуда, асосан вазифаҳои он аз эҷоди меъёрҳои ҳуқуқ, таъмини амалишавии онҳо ва дар ҳолати вайрон намудани меъёрҳои ҳуқуқ ҳифзи ҳуқуқ иборат мебошад. Дар баробари ин давлат дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа накши роҳбарикунандаро дорад.

Давлат ҳам дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам дар муносибатҳои дохилидавлатӣ зуҳур мекунад. Аммо давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Маҳз дар чаҳорчӯбаи давлат мо метавонем мутаносиби субъекти ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалиро мавриди таҳқиқ қарор диҳем, ки ин ақида ҷолиби дастгирӣ мебошад (С. 60-61).

Боби дуюми диссертатсия – **«Масоили татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта,** аз 2 зербоб иборат мебошад, дар доираи он шаклҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ таҳлил карда мешаванд (С. 89-122).

Диссертант қайд менамояд, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар масъалаи шаклҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории дохилидавлатӣ гурӯҳбандии гуногун мавҷуд буда, дар ин самт ақидаи умумии муттаҳидкунанда дар байни олимони ҳуқуқшинос ба назар намерасад. Ин дар навбати худ ба тафсири гуногуни мафҳумҳое, ки дар раванди татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории дохилидавлатӣ истифода мешаванд, оварда мерасонад.

Зиёда аз ин, агар бевосита ба таҳқиқи шаклҳои татбиқи (имплементатсияи) ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории дохилидавлатӣ назар афканем, дар доктринаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар ин хусус якчанд мафҳум мавҷуд мебошад ва олимони ҳуқуқшинос ба

таври васеъ истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, сетои онҳо бештар паҳн шудаанд: назарияҳои **транформатсия, инкорпоратсия ва истинод** (С. 92-93).

Боби сеюми диссертатсия – **«Ҳолати кунунӣ ва дурнамои таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта,** аз 2 зербоб иборат буда, дар доираи он сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин механимзҳои такмили равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд (С. 123-155).

Зербоби дуюми боби сеюм – «**Такмили механизмҳои равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ»** номгузорӣ шуда, дар доираи он таҳқиқи механизмҳо ва самтҳои равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ гузаронида шудааст.

Дар ин росто муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ нақши ҳуқуқи байналмилалиро дар рушди низомҳои ҳуқуқии миллӣ, инчунин дар ҳалли мушкилоти глобалии инсоният ба ҳеҷ ваҷҳ инкор кардан мумкин нест. Ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамеша дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ нақши муҳим бозида, ба қонунгузории миллии он давлатҳое, ки худро аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд, ҳамеша таъсир мерасонад. Дар марҳалаи ҳозира зарур аст, ки равишҳо, шаклҳо ва механизмҳои нави ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ таҳия карда шаванд (С. 139).

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ истифода гарданд. Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки пешниҳод, хулоса, тавсияҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд,** аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мураттабгашта вобаста ба мавзӯи таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мебошад.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Мавзӯи дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардида, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат менамояд. Инчунин, ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи мавриди таҳқиқ қарордодашуда, барои рушди дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳим доранд. Таҳлили ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ҷонибдорӣ намудан ва нанамудани ақидаҳои дар илми ватанӣ ва хориҷи кишвар ҷойдоштаи олимон, муайян намудани мавқеи мустақил дар таҳлили масъалаҳо, истифодаи васеи маводи илмӣ, санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, асосноккунии нуктаҳои илмӣ, пешниҳод, таклиф ва дигар масъалаҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаанд, аз асосноки ва эътимоднок будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дарак медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологии «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқ гардидаанд. Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот бо он муайян мегардад, ки дар он таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон гузаронида шудааст, ки дар бораи механизмҳо ва самтҳои равобити байни онҳо, татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасаввуроти томро медиҳад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз асоснок кардани пешниҳоди илмӣ-амалӣ аз ҷониби муаллиф оид ба такмили равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ иборат мебошад. Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда заминаи илмӣ-методологии таҳқиқоти минбаъдаи таъсири ҳуқуқи *байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқӣ шуда метавонад.*

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 – мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 – мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзӯи дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ба талаботи бандҳои 31 ва 33

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат хоҳад намуд. Аз ин лиҳоз, тамоми вазифаҳо ва мақсадҳое, ки дар назди таҳқиқоти мазкур гузошта шуда буданд, ба пуррагӣ аз усулҳои дар таҳқиқот истифодашуда ҳалли худро пайдо намудаанд, ки ин имконият медиҳад, то ки мо таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Шаҳноза Музафарро ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусии анҷомёфта эътироф намоем.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия. Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷумла, мазмуни мухтасари бобҳо ва зербобҳои диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо назардошти андешаҳои боло як қатор нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:**

1. Таҳқиқоти диссертант ба масъалаҳои таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар рафти таҳқиқот диссертант истилоҳҳои ҳуқуқии асосие, ки дар таҳқиқот истифода карда мешаванд ба монанди «сарчашмаи ҳуқуқ», «субъекти ҳуқуқ», «принсипҳои ҳуқуқ» ва дигарҳо мавриди таҳлил қарор додааст. Аммо, дар таҳқиқот назари дисссертант ба яке аз мафҳумҳои асосии диссертатсия ба монанди «мафҳуми низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба назар намерасад. Аз ин рӯ, мехостем, ки дар рафти ҳимоя диссертант фикри хешро вобаста ба мафҳуми «низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян мекарданд?

2. Дар банди якуми нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, қайд карда мешавад, ки дар таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии кишвар аломатҳои ҳам консепсияи монистӣ ва ҳам дуалистиро дидан мумкин аст. Ҳама унсурҳои ҳарду консепсияҳо дар дебоча ва

мазмуни моддаҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунандаи кишвар мушоҳида кардан мумкин аст (С.12). Новобаста аз он, ки муқаррароти дебочаи Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ин ҳолат ишора мекунад дар саҳ. 41 диссертатсия инъкос карда шудааст, хуб мешуд, ки онҳо низ дар саҳ. 12 диссертатсия дарҷ мегардиданд.

**3.** Дар зербоби дуюми боби дуюм «Татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ» (С. 104-122) асосан таҷрибаи татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ аз ҷониби мақомоти судӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Агар диссертант дар рафти таҳқиқот бо баробари таҷрибаи мақомоти судӣ, низ таҷрибаи дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунандаи кишварро мавриди баррасӣ қарор медод, диссертатсия боз сифати дигарро пайдо мекард.

**4.** Дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар саҳ. 165 диссертант пешниҳод менамояд, ки ба Номгӯи мақомоти марказӣ, ҳудудӣ ва дигар мақомоти ваколатдори амаликунандаи муносибатҳои бевосита мутобиқи конвенсияҳои байни давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки 22 январи соли 1993 дар шаҳри Минск ва 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинёв ба имзо расидаанд ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2017, № 870 тасдиқ карда шудааст, инчунин Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатӣ оид ба кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шаванд. Аммо номуайян аст, ки барои чӣ маҳз ҳамин ду мақомот бояд ба ин номгӯй ворид карда шаванд.

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати таҳқиқотро тағйир намедиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз**. Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҳасанзода Шаҳноза Музафар, пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, соҳаҳои дигари илмҳо ва хусусан илмҳои ҳуқуқшиносӣ мусоидат карда, барои ҳалли мусбии як

қатор масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқот нақши муҳимро мебозад.

Ҳамзамон, хулоса, тавсияҳо, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим дошта, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ метавонанд, истифода шаванд.

Дар умум, Ҳасанзода Шаҳноза Музафар, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) мебошад.

Бояд иброз дошт, ки тақризи мазкур бо назардошти банди 71 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Р.М. Раҷабзода**

**Имзои Р.М. Раҷабзодаро тасдиқ менамоям:**
Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди кор бо ҳайати шахсӣ, подполковники милитсия **А.А.Абдулаҳадзода**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Мирзо Мастонгулов, 3
телефон: +992 (37) 226-60-42

**«25» 08 2025 с.**